**Таҳлили таъсири танзимкунии**
**Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ"**

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад | Шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ташкилотҳои қарзии молиявӣ |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 5 апрели соли 2020 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳрасти нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 28 октябри соли 2019 ҷойгир карда шудааст |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Пас аз дар Феҳрасти нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур машварати оммавӣ гузаронида шуда, нақшаи қабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид. |
| | Айни замон тартиб ва қоидаҳои ташкил кардан, анҷом додан, ба расмият даровардан, ба ҳисоб гирифтан, ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо |

| | |
|---|---|
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашаванд. | асъори хориҷӣ дар асоси Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" аз 29 сентябри соли 2015 ба танзим дароварда мешавад.<br>Дар қисми муқаддимаи дастурамали мазкур қайд гардидааст, ки муқаррароти он ба ташкилотҳои қарзӣ тааллуқ дорад, ҳангоме, ки тамоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷиро тибқи ҳамин дастурамал ба роҳ мемонанд. Аз ин лиҳоз, яке аз зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ин иваз намудани калимаҳои "ташкилоти қарзӣ" ба калимаҳои "ташкилоти қарзии молиявӣ" мебошад. Дар ҳолати ворид накардани тағйироти мазкур ташкилотҳои қарзии исломӣ ҳуқуқи анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷиро надоранд.<br>Зарурати дигари таҳияи лоиҳаи санади мазкур ин аз эътибор соқит намудани мафҳуми "нуқтаи интиқоли пул" мебошад, ки қаблан мафҳуми мазкур аз дастурамали бевосита батанзимдарорандаи амалиёти интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ тааллуқдошта (Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ") пурра хориҷ гардида буд. Дар ҳолати аз дастурамали мазкур соқит накардани калимаҳои "нуқтаи интиқоли пул" духурагӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён меояд.<br>Инчунин, дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали мазкур, мафҳуми "нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ" хориҷ карда шуд, зеро ки ин мафҳум қаблан дар "Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо" аз эътибор соқит карда шудааст.<br>Дар дастурамали амалкунанда ҳадди ақали маблағҳо барои амалиёти мубодилавӣ, ки ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро талаб менамояд бо ифодаи пулӣ (14 000 сомонӣ ва 70 000 сомонӣ) ифода гардидааст. Ҳол он ки |

| | |
|---|---|
| | тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" маблағ бояд бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо (350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ) ифода карда шавад. Дар ҳолати ворид накардани ин тағйирот духурагӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён меояд, ки ҳукми қонун аз дастурамал болотар мегардад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсад аз қабули лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали мазкур аз байн бурдани мухолифат ва ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" ва ба Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ" мутобиқ намудани муқаррароти Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ", инчунин аз байн бурдани духурагӣ дар таркиби калимаҳои дар санадҳои мазкур қайдгардида мебошад. Ҳамзамон мушаххас намудани тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии | Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" бо назардошти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор", "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва Дастурамали №204 "Оид |

| | |
|---|---|
| пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ" таҳия гардида, тартиб ва қоидаҳои ташкил кардан, анҷом додан, ба расмият даровардан, ба ҳисоб гирифтан, ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷиро дар ташкилотҳои қарзӣ муқаррар мекунад.<br>Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро моддаҳои 3, 4, ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ташкил медиҳад.<br>Тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" бо мақсади мувофиқа намудани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии тартиби анҷом додани амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" ва Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ", инчунин ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳои Департаменти аудити дохилӣ таҳия шудааст.<br>Зарурати дигари таҳияи лоиҳаи санади мазкур ин аз эътибор соқит намудани мафҳуми "нуқтаи интиқоли пул" мебошад, ки қаблан мафҳуми мазкур аз дастурамали бевосита батанзимдарорандаи амалиёти интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ тааллуқдошта (Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ") пурра хориҷ гардида буд.<br>Ҳамзамон, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ин мутобиқ гардонидани раванди хизматрасонии амалиёти мубодилавӣ ва ҳаҷми маблағҳои мубодилашаванда ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи |

| | |
|---|---|
| | муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” мебошад, ки нишондиҳандаҳо бо сомонӣ ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо иваз карда шуданд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилот ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, ки таҳиякунанда баррасӣ намуда буд (бидуни санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №211 “Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ” бо назардошти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор”, “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва Дастурамали №204 “Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ” таҳия гардида, тартиб ва қоидаҳои ташкил кардан, анҷом додан, ба расмият даровардан, ба ҳисоб гирифтан, ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷиро дар ташкилотҳои қарзӣ муқаррар мекунад.<br>Бо мақсади ҳалли мушкилоти дар самти анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон корҳои зерин анҷом дода шуданд:<br>• Мазмун ва муҳтавои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ишорашуда ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ фаҳмонида дода шуд;<br>• Тартиб ва қоидаҳои анҷом додани амалиёти мубодилавӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ шарҳ дода шуд;<br>• Маконе, ки дар он ҷо анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ имконпазир аст муқаррар гардидааст.<br>• Вале бо вуҷуди чораҳои андешидашуда, мушкилиҳо дар ин самт ҳамоно ҷой доранд ва бартараф кардани онҳо бидуни қабули Дастурамали мазкур ғайриимкон мебошад. |

| | |
|---|---|
| Арзёбии мухтасари хароҷоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қабули лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Дар сурати қабул гардидани Дастурамали мазкур шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ доир ба тартиби анҷомдиҳии амалиёти муьодилавӣ бо асъори хориҷӣ дар қаламрави мамлакат, маълумоти мушаххас пайдо мекунанд. Ҳама гуна маҳдудият дар доираи Дастурамали мазкур бо мақсади иҷрои талаботи қонунгузорӣ, бахусус қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” муқаррар карда мешавад. Дастурамали мазкур барои пешгирӣ намудани муомилоти ғайриконунии асъори хориҷӣ, ки ба иқтисодиёти кишвар таъсир мерасонад, ҳамчун санади танзимкунанда баромад менамояд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 16 апрели соли 2020 |

Раис Ҷ. Нурмаҳмадзода